«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, д.и.и.,
профессор__________ Хушвахтзода Қ.Х.
«____» ______________ 2023 с.

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)

1.**Мубрами ва зарурати таҳқиқот.** Дар шароити кунунӣ омили муҳим ва қувваи пешбарандаи ҷомеа ва расидан ба аҳдофи стратегии инкишофи босуботи иқтисодиёти миллӣ, сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ шинохта шудааст. Кишварҳои пешрафтаи олам барои ноил гардидан ба сатҳи баланди рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мунтазам ҳаҷми сармоягузориро ба сармояи инсонӣ дар заминаи такмил додани низоми омӯзиш ва такмили тавонмандиҳои илмиву касбии ҳомилини сармояи инсонӣ афзоиш медиҳанд. Маориф яке аз ниҳодҳои муҳимтарини такрористеҳсоли сармояи инсонӣ шуморида мешавад. Рушди мутавозини зинаҳои мухталифи таҳсилот, ки дар сохтори он низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ нақши муҳим ва калидӣ дорад, кафолати таъмини сифати баланди такрористеҳсоли сармояи инсонӣ шуморида мешавад. Қобили қайд аст, ки дар шароити муосир низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои хоси ин зинаи таҳсилот, ки чандирият ва қобилияти мутобиқшавии фаврӣ ба тағйиротҳои муҳити атроф намунаи боризи он мебошад, аз аҳаммияти бештаре бархӯрдор гардида истодааст.

Бояд гуфт, ки тағйиротҳое, ки имрӯзҳо ҷомеаи инсониро бо тавaҷҷуҳ ба рушди фановариҳои ҷадид фаро гирифтаанд, тааммули

бештарро дар мавриди интихоби шаклу усулҳои таълим, таъмини сифати баланди таҳсилот, таъмини алоқамандии низоми таҳсил бо бозори меҳнат ва амсоли он талаб мекунад. Низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз як сӯ, дар маърази тағйиротҳои фанниву сохторӣ ва ташкилӣ қарор дорад, аз тарафи дигар, ҷанбаҳои иқтисодии рушди минбаъдаи он ба мушкилоти муайяне мувоҷеҳ гардидааст. Дар чунин шароит зарурати тадқиқи ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ бо таваҷҷуҳ ба коркарди чораҳои муассир ҷиҳати мутобиқшавии он ба тағйиротҳои муҳит ба миён меояд. Вобаста ба ин, тадқиқи асосҳои назариявӣ ва методологии рушди ин зинаи таҳсилот дар шароити кунунӣ, баррасии мушкилоти соҳа, таҳлили тамоюлҳои инкишофи он, баҳогузории фурсатҳо ва хавфу таҳдидҳои имконпазир ва инчунин, коркарди тавсияҳои судманд ҷиҳати таъмини рушди бомароми он ҷиҳати таъмини сифати баланди такрористеҳсоли сармояи инсонии миллӣ аз аҳаммияти муайяни илмиву амалӣ бархурдор мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати инкишофи низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ барномаҳои давлатӣ ва соҳавиро бомаром пиёда намуда истодааст ва дар ин самт ба як қатор натоиҷи мусбие ноил гардидааст. Бо вуҷуди ин, то ҳол нақши низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ дар омода намудани кадрҳои рақобатпазир ва таъмини бозори меҳнат бо мутахассисони касбу корҳои мухталиф, ки бахшҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ба онҳо ниёз доранд, камранг боқӣ мемонад. Зарурати таҳқиқи ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбиро, ки мавзуи илмии Ализода Ҳуснигули Соҳиб ба ҳисоб меравад, маҳз ҳамин омил муайян мекунад.

**2. Дараҷаи асоснок ва саҳеҳ будани натоиҷи илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Эътимоднокии натоиҷи илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда бо омӯзиши амиқ ва ҷамъбандии муқаррароти назариявие, ки барои таҳқиқ аҳамияти калон доранд,

истифодаи усулҳои тадқиқотӣ, ки ба вазифаҳои гузошташуда мувофиқанд ва таҳлили миқдори зиёди ахбороти дорои характери илмию амалӣ собит мешавад. Пойгоҳи иттилоотии тадқиқот хеле васеъ буда, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маводи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ, маълумот аз Вазорати маориф ва илми кишвар ва дигар вазорату кумитаҳои зиддахли давлатиро фаро мегирад. Муаллиф теъдоди зиёди нашрияҳои олимони варзидаи ватанӣ ва хориҷиро оид ба асосҳои назариявӣ, методологӣ ва воситаҳои амалии танзими ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ аз нигоҳи интиқодӣ таҳлил кардааст, дар асоси он нуқтаи назари худро дар шакли хулосаҳои илмӣ ироа намудааст.

Далелҳои илмии тадқиқот ба муқаррароти бунёдии назарияҳои иқтисодиёти маориф, иқтисодиёти хизматрасонӣ ва иқтисодиёти инновационӣ асос ёфтаанд. Чун заминаи методологӣ усулҳои асосии илмӣ, аз қабили: усули системавӣ, монографӣ, оморӣ, меъёрӣ, риёзӣ, муқоиса, синтез ва ғайра истифода шудаанд. Маҷмуи васеи усулҳои истифодашуда ба Ализода Ҳуснигули Соҳиб имкон додаанд, ки эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳои амалии диссертатсия таъмин карда шавад.

**3. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатияи Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ» ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси кормандони илмии (илмҳои иқтисодӣ) КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.02-Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мутобиқ мебошад: 1. Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳо дар соҳаи илм, маориф ва иҷтимоиёт дар сатҳи минтақавӣ ва умумимиллӣ; 2. Самаранокии иҷтимоию–иқтисодӣ дар муассисаҳои соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 4.

Омилҳои таъсиррасон ба ҷойгиршавӣ ва фаъолияти муассисаҳои соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 5. Механизми идоракунии бозори хизматрасониҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 6. Механизми баланд бардоштани рақобатпазирии хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 7. Тамоюлоти муосири рушди шаклҳои ташкилию – ҳуқуқӣ дар муассисаҳои соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 9. Асосҳои иқтисодии амалкард ва дастгирии давлатии бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 18. Маблағгузории бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.

4.**Эътимоднокии навгониҳои илмии диссертатсия ва натоиҷи ба дастомада.** Нукоти қобили таваҷҷуҳе, ки муҳаққиқ ба он даст ёфтааст, инҳоянд.

1. Таърифи мунҳасир ба фарди муаллиф оид ба мафҳуми «Низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ», пешниҳод шудааст, ки онро чун бахши муҳими хизматрасонии соҳаи иҷтимоии иқтисоди миллӣ тавсиф менамояд. Таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун низоми ягона арзёбӣ гардидааст, ки ин низомият (системность) дар сатҳи ҳамоҳангии унсурҳои он ва мустақилияти нисбии унсурҳои мазкур ниҳон аст. Дар хусусияти хоси сохтор, дар таркиб, роҳи инфиродии рушд ва мақсаднокии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ мавҷудияти тобеият байни унсурҳои низом эҳсос мешавад. Зинанизомӣ, мураттабият ва мавҷудияти алоқаҳои мутақобилаи низом бо муҳити беруна аз дигар хусусиятҳои хоси низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ таъриф шудааст (саҳ.18-27).

2. Ҷудо кардани хусусиятҳои хоси низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ. Дар ин замина муаяйн карда шудааст, ки низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ба қонуниятҳои умумии идоракунии низоми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ тобеъ буда, аммо дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад, ки бо усулҳои гузориши мақсадҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ва ноилшавӣ ба онҳо дар шароити мушаххаси таҳсилот муайян шудаанд. Мутаносибан, ду объекти идоракунии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷудо карда

шудааст: а) объекти идоракунӣ, равандҳои таҳсилотӣ ва шароити онҳоро таъминкунандаи барномавию методӣ, кадрӣ, моддию техникӣ, меъёрию ҳуқуқӣ; б) ба сифати объекти идоракунӣ худи тағйирот дар мазмун, ташкил ва технологияҳои раванди таҳсилотӣ, ки бо мақсади афзун гардонидани нерӯи таҳсилотӣ, баланд бардоштани самаранокии он хизмат мекунанд, ҷудо карда шудааст (саҳ.28-45).

3. Баҳои объективӣ ба вазъи муосири фаъолияти низоми таҳсилоти миёнаи касбии кишвар ва механизми идоракунии он. Дар ин замина қайд шудааст, ки дар натиҷаи тағйироти мунтазам дар иқтисодиёт дар соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ равандҳои манфии зерин мушоҳида мешаванд: а) сатҳи нисбатан поини сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, маблағгузории нокифояи зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ; б) рушди номутаносиби низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ бо бозори меҳнат; в) сатҳи пасти ҳамгироии соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, илм ва истеҳсолот, тамоюли коҳиш ёфтани фаъолияти инноватсионӣ, нокифоя будани сатҳи самаранокии таҷрибаомӯзӣ ва ғ. (саҳ.49-60).

4. Арзёбии вазъи таъмини захиравии низоми таҳсилоти миёнаи касбии кишвар. Дар асоси таҳлили вазъи муосири низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ арзёбии вазъи таъмини захиравии низоми мазкур амалӣ гардонида шуда, омилҳои ба он таъсиррасон вобаста ба мазмуну мундариҷа, соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсири арза ва тақозо, зинаҳои фаъолияти иқтисодӣ бо истифода аз усулҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ ва пурсишномаҳои иҷтимоӣ муайян ва асоснок карда шудаанд (саҳ.66-80).

5. Асоснок намудани алгоритми таҳия ва амалисозии модели барномавию мақсаднок. Дар ин замина қайд шудааст, ки дар марҳилаи нави рушди мамлакат зарурати татбиқи равишҳои барномавию мақсаднок ҳамчун усули муосири идоракунии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки дар низоми банақшагирӣ-барномасозӣ-буҷетгузорӣ (БББ) асос меёбад, ба миён омадааст. Алгоритми таҳия ва амалисозии модели

барномавию мақсаднок, ки аз пайдарҳамии марҳилаҳо иборат аст, пешниҳод шудааст, ки даст кашидан аз муносибати маҳдуди соҳавӣ ва таҳкими хусусияти байнисоҳавиро тақозо мекунад (саҳ.108-120).

6. Пешниҳоди модели такмили низоми идоракунии таҳсилоти миёнаи касбӣ. Самтҳои асосии рушди инфрасохтори инноватсионӣ асоснок гардонида шуда, модели такмили низоми идоракунии таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳия шудааст. Модели идоракунии рушди инфрасохтори инноватсионӣ-таҳсилотӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ва алгоритми татбиқи он аз марҳилаҳои мақсадгузорӣ, интихоби стратегияи рушди низом, таҳияи равандҳое, ки ба ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда нигаронида шудаанд, тамсиласозии ҷараёнӣ, ки ба таҳқиқи ҷараёнҳои молиявӣ, иттилоотӣ, моддӣ ва ғайраҳо нигаронида шудааст; роҳҳои такмили механизми идоракунии захиравии муассисаҳои низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ асоснок карда шудааст (саҳ. 123-140).

**5.Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия.** Дар диссертатсияи Ализода Ҳуснигули Соҳиб муқаррароти назариявие пешниҳод гардиданд, ки бо таваҷҷуҳ ба принсипҳои асосии ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми маориф, муқаррароти асосии назарияи сармоя инсонӣ, назарияи рушди инноватсионии иқтисодиёти миллӣ ва назарияи танзими бозори меҳнат асоснок карда шудаанд. Натоиҷи бадастомада ҷанбаҳои назариявии такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди низоми маориф, ба вижа, низоми таҳсилоти миёнаи касбиро инкишоф медиҳад.

Муқаррароти асосии диссертатсияро дар раванди таҳияи лексияҳо аз фанни «Иқтисоди ва идораи соҳаи маориф», «Назарияи иқтисодӣ» «Назарияи сармояи инсонӣ» ва ғ. истифода бурдан мумкин аст. Ҳамчунин, натиҷаҳои тадқиқоти мазкурро дар ҷараёни навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои дипломӣ, мақолаҳои илмӣ, монографияҳо ва ғ. истифода бурдан мумкин аст.

6. **Мундарича ва сохтори рисолаи** Ализода Ҳуснигули Соҳиб ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқоти анчомшуда пурра мувофиқ аст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, 167 саҳифаи матни компютерӣ, 28 чадвал ва 5 расмро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи диссертатсия, дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту фарзия муайян гардидаанд, ҳамчунин маълумот оид ба асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, дарачаи эътимоднокии натичаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, интишорот аз руйи мавзӯи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳачми диссертатсия оварда шудаанд.

Дар боби якум «Асосҳои илмию назариявии рушди низоми таҳсилоти касбӣ дар шароити муосир» – низоми таҳсилоти касбӣ ҳамчун бахши муҳими соҳаи хизматрасонии иқтисоди миллӣ, мазмун ва сохтори идоракунии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, механизми ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Дар боби дуюм «Арзёбии вазъи муосири рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ» – таҳлили вазъи муосири рушди таҳсилоти миёнаи касбӣ, арзёбии вазъи таъмини захиравии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, таъсири омилҳо ба рушди низоми миёнаи касбӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт.

Дар боби сеюм «Самтҳои асосии такмили механизми рушди таҳсилоти миёнаи касбӣ» – муносибатҳои барномавӣ – мақсаднок ба рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, рушди инфрасохтори инноватсионӣ – таҳсилотӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, таҳияи амсилаи низоми идоракунии зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ мушаххас карда шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия ба таври мухтасар натиҷаҳо ва тавсияҳои амалӣ нишон дода шудааст.

**7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб**

1. Агарчӣ дар оғози диссертатсия муаллиф ба масоили заминаҳои пайдоиш ва инкишофи назарияи сармояи инсонӣ мепардозад, вале дар бобҳои минбаъда он сарфи назар карда мешавад. Агар муаллиф масоили рушди сармояи инсониро бо мушкилоти низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ тавъам баррасӣ менамуд, сифати диссератсия боло рафта аҳаммияти натоиҷи бадастомада хеле муассиртар воқеъ мегардиданд.

2.Ҷанбаҳои ташкилӣ ва ҷанбаҳои иқтисодии механизми идоракунии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ба таври мушаххас ва возеҳ ҷудо карда нашудааст. Баррасии мушкилоти ин ҷанбаҳо дар мовароҳи диссертатсия мавҷуданд, аммо ба таври алоҳида ҷамъбандӣ нашудаанд.

3.Агар дар диссертатсия таҳаввулоти сифатӣ ва миқдории низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ дар кишварҳои собиқ шуравӣ, бахусус, кишварҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ мегардид, барои коркарди тавсияҳо ва хулосаҳои илмии муаллиф ҷиҳати такмили механизми идоракунии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шароити Тоҷикистон заминаи хубе мебуд.

4. Алгоритми таҳия ва амалисозии модели барномавию мақсаднок ва модели такмили низоми идоракунии таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд, бояд бо ҳам алоқамандии ногусастанӣ дошта бошанд. Аммо ин алоқа аз ҷониби муаллиф ба таври мушаххас нишон дода нашудааст.

5. Дар диссертатсия ба суоли дараҷаи таъсири тавсияҳои амалии муаллиф ба сифати таҳсилот ҷавоби мушаххас дода нашудааст. Он бояд дар асоси яке аз усулҳои маъруфи санҷиши сифати таҳсилот аз як давра то давраи дигар баҳогузорӣ карда мешуд ва ғ.

Аммо эродҳои зикршуда баҳои умумии кори анҷомшударо коста намегардонанд, онҳо бештар характери тавсиявӣ доранд.

**8.Хулосаи умумӣ**

Диссертатсияи Ализода Ҳуснигули Соҳиб дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) пешниҳод гардидааст, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шудааст. Диссертатсия дорои як хатти ягонаи мантиқиву мазмунӣ мебошад. Натиҷаҳои илмӣ ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда аз саҳми шахсии муаллифи тадқиқоти диссертатсионӣ дар илм шаҳодат медиҳанд. Тавсияҳое, ки муаллиф барои ҳалли муаммоҳои мавҷуд дар соҳаи тадқиқоти худ пешниҳод менамояд, асоснок буда, сифатан аз тавсия ва пешниҳодҳои олимони дигар фарқ мекунанд. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф 10 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 7, мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, ба нашр расонидааст. Муаллиф мустақилона тавсияҳои усулиро доир ба такмили механизми идоракунии рушди низоми таҳсилоти касбӣ бо таваҷҷуҳ ба таҳияи стратегияи рушд ва механизмҳои ташкилию иқтисодии он пешниҳод намудааст.

Аз руйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ диссертатсияи Ализода Ҳуснигули Соҳибро ҷавобгӯ ба талаботи бандҳои 31 ва 33 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, номидан мумкин аст. Муаллифи диссертатсия Ализода Ҳуснигули Соҳиб сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар маҷлиси кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз 27 ноябри соли 2023, протоколи № 4.1 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 15 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

Раис:
иҷрокунандаи вазифаи мудири
кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДМТ,
н.и.и., дотсент К.А. Содиқов
Ташхисгар:
н.и.и., дотсенти кафедраи
менеҷмент ва маркетинги ДМТ Д.А. Ҳодиев

Котиби ҷаласа:
н.и.и., дотсенти кафедраи
менеҷмент ва маркетинги ДМТ Ш.Б. Абдуллоева

Имзоҳои Содиқов К.А., Ҳодиев Д.А ва
Абдуллоева Ш.Б.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Э. Ш. Тавқиев

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

**Суроға:**
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони А. Рӯдакӣ, 17.
**Телефон:** (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10.
**Факс:** (+992-37) 227-15-10
**Email:** info@tnu.tj
Веб-сайт: https://tnu.tj.